Бо қарори президиуми Иттифоқи
касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон
№ 2/4 аз 05 апрели соли 2018
қабул карда шудааст.

# НИЗОМНОМА
## дар бораи мукофотонидани кормандон ва аъзоёни Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон

## I.Муқаддима

1.1.Низомномаи мазкур (дар оянда Низомнома) дар бораи мукофотонидани кормандон ва аъзоёни Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ойинномаи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон тартиб дода шуда, тартиб ва шарти ҳавасмандкунии моддии кормандон ва аъзоёни иттифоқи касабаро муқаррар менамояд.
1.2.Низомномаи мазкур бо мақсади ҳавасмандкунии раисони ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба ва фаъолони иттифоқи касаба барои фаъолияти фаъолона ва самарноки онҳо таҳия карда шуда, ҳамаи аъзоёни иттифоқи касабаро фаро мегирад.
1.3.Мукофотонидани аъзоёни иттифоқи касаба, аз он ҷумла раисони ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба, аъзоёни кумитаҳои иттифоқи касаба барои иштироки фаъолона дар чорабиниҳое, ки аз тарафи ташкилоти ҷумҳуриявии иттифоқи касба ва кумитаҳои иттифоқи касаба гузаронида мешавад, таҳия намудани муроҷиатномаҳо, ҳуҷҷатҳо ва лоиҳаҳо равона карда шудааст.
1.4. Мукофотонидан дар асоси баҳои инфиродии фаъолияти ҳар як аъзои ташкилоти иттифоқи касба ва саҳми шахсии он дар тайёрӣ ва гузаронидани чорабиниҳои ҳархела, таъмини мақсадҳои ташкилоти иттифоқи касба амалӣ мегардад.

## II.Намудҳои мукофотҳо, тартиби баҳисобгирӣ ва пардохти мукофотҳо

2.1. Низомномаи мазкур мукофотонидани ҳар семоҳа ва якдафъаинае (якборае), ки манбааш ҳаққиаъзогии аъзоёни иттифоқи касаба мебошад, пешбинӣ менамояд.
2.2. Мукофотонидани якдафъаина (якбора) метавонад нисбати аъзоёни ташкилоти иттифоқи касаба сурат гирад:
- оиди ҷамъбасти фаъолияти пурсамари ташкилоти иттифоқи касаба дар семоҳа, нимсола ва солона;

- барои таҳия ва гузаронидани чорабиниҳо, ки барои таъсис ва баланд бардоштани обрӯи аъзои иттифоқи касаба, беҳтар гардонидани шароити меҳнат равона карда шудааст;
- барои таҳияи барномаҳои корӣ ва лоиҳаҳои ташкилоти иттифоқи касаба;
- барои нашри мақолаҳо дар бораи дастовардҳои аъзоёни иттифоқи касаба;
- барои таҳияи буклетҳо, ёддоштҳо, шиорҳое, ки барои рушд ва таблиғоти ҳаракати иттифоқи касаба равона шудааст;
- барои таҳияи муарифии компютерӣ дар бораи фаъолияти иттифоқи касаба барои чорабиниҳои сатҳи ҳархела, таҳия ва дастгирии сайти ташкилоти иттифоқи касаба;
- барои иштироки фаъолона (баромадҳо) дар конференсияҳои ҷумҳуриявии иттифоқи касаба;
- барои санаҳои зодрӯз (50,55,60 сола) андозаи мукофот аз тарафи кумитаи иттифоқи касба вобаста ба фаъолияти аъзо муқаррар карда мешавад;
- барои меҳнати бисёрсола ва бо сабаби ба нафақа баромадан андозаи мукофот аз тарафи кумитаи итифоқи касаба бо назардошти саҳми аъзои иттифоқи касаба дар фаъолияти ташкилоти иттифоқи касаба муқаррар карда мешавад.

## III. Мукофотонидан оид ба ҷамъбасти фаъолият барои нимсола ё солона

3.1.Ба раисони ғайриозоди ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба барои ҷамъбасти фаъолият дар нимсола ё солона мукофотпулӣ ба андозаи то 30%-ҳаққи аъзогии дар давраи ҳисоботӣ воридшуда пардохт мешавад.

3.2. Нишондодҳои асосӣ барои мукофотонидан:

- иҷрои мақсаду маромҳои дар пеш мондаи ташкилот;
- сифат, самаранок ва саривақтӣ иҷро намудани корҳо;
- риояи интизоми иҷроиш ва меҳнат.

Мукофотпулӣ дар доираи нақшаи хароҷотҳо, ки ба ин мақсадҳо мувофиқи смета пешбинӣ шудааст, пардохт карда мешавад.

3.3. Мукофотпулӣ вобаста ба баҳои иҷрои вазифаҳо дар давраи ҳисоботӣ пардохт карда мешавад.

3.4.Баҳои фаъолияти ҳар як раиси ғайриозоди ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба аз тарафи раиси ташкилоти ҷумҳуриявии иттифоқи касаба муайян карда мешавад.

3.5.Асос барои пардохти мукофотпулӣ барои ҷамъбасти фаъолияти семоҳа қарори президиуми иттифоқи касаба мебошад.

3.6.Андозаи мукофотпулии раиси ғайриозоди ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба барои семоҳа набояд аз разряди тарифии 19 (837 сомонӣ) баланд бошад.

3.7.Андозаи мукофотпулӣ кам карда мешавад:
1).ҳангоми сари вақт насупоридани ҳисоботи молиявӣ;
2).хангоми гайримақсаднок истифода бурдани воситаҳои пулӣ, мутобиқи сметаи хароҷотҳо барои мақсадҳои ойинномавӣ;
3).ҳангоми гирифтани муҷозоти интизомӣ дар давраи ҳисоботӣ.
3.8.Мукофотпулии раисони ғайриозоди ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба оид ба ҷамъбасти фаъолияти семоҳа аз ҳисоби кумитаҳои ибтидоии иттифоқи касаба пардохт карда мешавад.
3.9.Фонди хароҷоти умумии мукофотпулии мазкур набояд аз 30%-ҳаққи аъзогии дар давраи ҳисоботӣ воридшуда зиёд бошад.

## IV. Андозаи мукофотпулӣ

4.1.Андозаи дақиқи мукофотпулӣ бо қарори президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ва кумитаҳои иттифоқи касаба муқаррар карда мешавад.
4.2.Мукофотпулӣ дар андозаи 300 (сесад) сомонӣ ҳангоми сазовор донистан бо Ифтихорномаи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон (мувофиқи Низомнома дар бораи Ифтихорномаи Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон) пардохт карда мешавад.

## V. Тартиби тасдиқ, ҳисоб ва пардохти мукофотпулӣ

5.1.Мукофотпулии аъзоёни ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба дар асоси карори кумитаи иттифоқи касба, ки андозаи мукофотпулии ҳар як аъзои иттифоқи касабаро муқаррар менамояд, муқаррар карда мещавад. Қарор дар бораи додани мукофотпулӣ дар протоколи кумитаи иттифоқи касаба дарҷ карда мешавад.